# РУБОҲ ВА ХУРӮС



## АФСОНАҲОИ МАРДУМИ ОЛАМ



Мл Ф
Р-82

# РУБОҲ ВА ХУРӮС

## АФСОНАҲОИ МАРДУМИ ОЛАМ

ДУШАНБЕ
«АДАБИЁТИ БАЧАГОНА»
2013

ББК 82. 33+82.3 (0)
Қ– 90

Қ–90. Рубох ва хурус. – Душанбе, «Адабиёти бачагона», 2013–16 сах.

Дар ин мачмӯа афсонаҳои бисёр халкхои чаҳон гирд оварда шудаанд. Шумо метавонед бо каҳрамонони дерину накшҳои навини онҳо ошно шуда, барои бахту саодати худ мубориза бурданро биомӯзед; адлу инсофро дарк кунед ва рӯҳияи ватанпарастии худро тараккӣ диҳед.

Ҳамеша рӯ ба китоб оред.

Китобхонаи ... бачагонаи
Ҷумҳурии ... н ба номи
М. Миршакар
2238 б/ч

ISBN 978-99947-966-7-0

© «Адабиёти бачагона», 2013

# РӮБОҲ ВА ХУРӮС

Буд набуд, як хурӯси пир буд. Вай борҳо ба чанголи рӯбоҳ афтода, вале бо ҳилаю тадбир ҷон ба саломат мебурд. Бор хурӯс дар канори деҳа дон мехӯрд, ки як рӯбоҳ ногаҳон ба тарафаш омад. То деҳа роҳ дур ва имкони гурехтану пинҳон шудан набуд. Аз ин сабаб хурӯс ба болои дарахт баромад. Рӯбоҳ зери дарахт омаду гуфт:

– Ҳой, хурӯс! Чаро ту маро дида, ба болои дарахт паридӣ?

Хурӯс гуфт:

– Ту мехостӣ, ки ба пешвозат давида, ба оғӯш гирам?

– Албатта! Магар хабар надорӣ? Шоҳ фармон додааст, ки дар кишвари мо ҳеҷ ҷонзод дигар наметавонад ҷонзоди дигарро азият бидиҳад, ё биранҷонад. Минбаъд гургу гӯсфанд бояд аз як чашма об хӯранд, кабӯтару боз бояд дар як лона зиндагӣ кунанд. Ҳоло ту бояд ба назди ман фароӣ ва мо ҳарду якҷо бо ҳам ба сайру гашт биравем.

– Хеле хуб, – ҷавоб дод хурӯс. – Аммо барои сайругашт як гурӯҳ бошем беҳтар аст, на ду нафар. Каме сабр кун, ба ин тараф як гала ҳайвон меояд. Гала ки расид, ҳама ба сайру тамошо меравем.

Рӯбоҳ пурсид:

– Кадом ҳайвонҳо?

– Мисли гурганд, вале гӯшу думашон дарозтар аст.

– Шояд сагҳо бошанд?

– Бале, ҳамонҳоянд!

Рӯбоҳ ин суханро шуниду рӯ ба гурез ниҳод. Хурӯс пурсид:

– Рӯбоҳ, чаро мегурезӣ?

– Чунки ман сагонро дӯст намедорам.

– Магар ту нагуфтӣ, ки шоҳ фармон додааст, ки ҳамаи ҳайвонот дӯст бошанд?

– Бале, гуфтам. Вале он вақт сагҳо дар дашт буданд ва фармони шоҳро нашунидаанд. Бинобар ин сагон маро пора-пора мекунанд.





## ҲАФТ НОН

Дар як деха одаме зиндагӣ мекард, ки номаш Алӣ Муҳаммад буд. Вай хеле доно буд, вале пул надошт.

Мегӯянд, ки Алӣ Муҳаммад ҳар рӯз аз бозор ҳафт нон мехарид. Ҳамсояаш Одамхон, ки сарватманд, вале нодон буд, боре аз Алӣ Муҳаммад пурсид?

– Ту, ки бечораӣ, ҳар рӯз ҳафт нон харида, чӣ кор мекунӣ?

Алӣ Муҳаммад ҷавоб дод:

– Дутоашро қарз медиҳам, бо дутояш қарзи худамро бармегардонам, яктояшро барои одамон нигоҳ медорам, бо яктояш худамро муҳофизат мекунам ва яктояшро мехӯрам. Фаҳмидӣ?

Одамхон нафаҳмид. Он вақт Алӣ Муҳаммад ин тавр шарҳ дод:

– Дутояшро қарз медиҳам – яъне фарзандонамро мехӯронам. Вақте ки онҳо калон шуданд, қарзашонро бармегардонанд. Бо дутояш қарзамро бармегардонам, яъне ба падару модарам медиҳам. Яктояшро барои одамон нигоҳ медорам – яъне ба дӯстонам медиҳам. Бо яктоаш худамро ҳимоя мекунам – яъне ба саг медиҳам, ки хонаамро посбонӣ кунад. Яктояшро худам мехӯрам.

## ҲАЁТИ ОДАМ

Мегӯянд, ки боре санг ва дарахти бамбук баҳс карданд. Ҳар кадоме мехост, ки ҳаёти одам ба ҳаёти ӯ монанд бошад.

Санг гуфт:

– Ҳаёти одам бояд мисли ҳаёти ман бошад. Он вақт одам абадӣ зиндагӣ мекунад.

– Не, ҳаёти одам бояд мисли ҳаёти ман бошад. Ман мемурам, вале боз зинда мешавам, – гуфт бамбук.

Санг ҷавоб дод:

– Не, бигузор, одам чун ман бошад. Ман на аз навозиши бод ҳам мешавему на аз бориши борон метарсам. На об ба ман зарар расонда метавонаду на гармову сармо. Зиндагии ман абадист. Ман на дард дораму на ғаму ғусса ва на ташвишу изтироб. Ҳаёти одам ҳам бояд чунин бошад.

Бамбук гуфт:

– Не. Ҳаёти одам бояд мисли ҳаёти ман бошад. Ман, албатта, мемурам, вале бо таваллуди фарзандонам боз зинда мешавам. Магар ҳамин тавр нест? Ба атрофи ман нигоҳ кун, дар ҳама ҷо фарзандони маро мебинӣ. Онҳо ҳам бо мурури замон фарзандони худро меёбанд.

Санг мот шуду ҷавобе гуфта натавонист ва сар хам кард. Бамбук дар баҳс пирӯз шуд.

## ОДАМОНЕ, КИ РӮЗИ ФАРДОРО МЕҶУСТАНД

Марде ба саёҳат баромад. Ӯ роҳи зиёдеро тай карда, монда шуд ва бегоҳӣ меҳмони хонадоне гашт. Мизбонон мусофирро хуш пешвоз гирифтанд. Обу хӯроки хуб доданд. Баъд аз хӯроки шом аҳли оила ба ташвиш афтоданд, яъне ба куҷое рафтанӣ шуданд.

Меҳмон пурсид:

– Шумо дар ин бевақтӣ ба куҷо меравед?

Онҳо ҷавоб доданд:

– Мо ба ҷустуҷӯи рӯз меравем.

Меҳмон ҳайрон шуд, надонист, ки чӣ гӯяд.

– Тамоми аҳли оила – падару модару фарзандон – ҳама халтаҳои холиро гирифта, аз хона баромаданд. Меҳмони ҳайратзада аз паси онҳо равон шуд.

Онҳо рафтанду рафтанд, ҳангоме ки субҳ дамид, даҳони халтаҳояшонро бастанду ба хона баргаштанд. Вақте ки ба хона расиданд, ҳаво равшан мешуд. Ҳама якҷоя даҳони халтаҳоро кушода, афшонданд.

Меҳмон пурсид:

– Шумо дар халтаҳо чӣ овардед?

Мизбонон ҷавоб доданд:

– Мо рӯзро овардем. Охир, гуфта будем-ку, мо ба ҷустуҷӯи рӯз меравем.

Меҳмон бо ҳайрат сар такон доду хайрухуш карда рафт. Вақти бозгашт аз сафар боз ба ҳамон ҳавлӣ омад ва хурӯсеро ба соҳиби хона доду гуфт:

– Ман ин паррандаро ба шумо барои он овардам, ки шумо ҳар шаб ба ҷустуҷӯи рӯз наравед. Ин парранда худаш рӯзро барои шумо меоварад. Вақте се бор чеғ мезанад, рӯз ба ҳавлиатон меояд.

Мард хурсанд шуду ба занаш гуфт:

– Ана, занак, акнун ба мо лозим нест, ки ҳар шаб равему рӯзро ба халта андохта оварем.

Меҳмон дид, ки кор беҳтар шуд, ба хонаи худаш равон гашт. Вақте ки хеле дур рафт, ногаҳон зан гуфт:

– Ҳой, мард! Охир, мо напурсидем, ки ин парранда чӣ мехӯрад!

Мард давида аз хона баромаду фарёд зад:

– Ҳой, ҷӯра, ин хурӯс чӣ мехӯрад?

Мусофир, ки аз ҷохилии онҳо безор шуда буд, дили нохоҳам ҷавоб дод:

– Ҳама чизро мехӯрад...

Соҳиби хона тарсону ларзон ба хонааш даромаду гуфт:

– Эй, занак, бадбахт шудем! Ин парранда ҳамаро мехӯрдааст! Чӣ кор кунем?! Охир, ин ҷонвар моро ҳам мехӯрад!!

Зан бо тарсу харос фарёд зад:

– Ҳой, мардак, биё, тезтар ин ҷонварро нобуд кунем, вагарна ҳамаи моро мехӯрад!

Ҳама чӯбу калтак гирифта аз паси хурӯс давиданд...

Аз ҳамон вакт то имрӯз аҳли он хонадон ҳар шаб бо тараддуд ба роҳ мебароянд, то ки рӯзи фардоро ҷустуҷӯ карда ёбанду ба халтаҳо андохта ба хонаашон оваранд.

Хурӯс чӣ? Хурӯс ба деҳаи дигар гурехта рафту ҳар саҳар чеғ зада аз расидани рӯз мужда мерасонад.

## ГАНҶИ ШОҲ

Боре ҷавонписаре дар чаманзори канори ҷангал рама мечаронд. Ногаҳон бод бархосту осмонро абри сиёҳ фаро гирифт. Гирду атроф якбора мисли шоми зимистон торик шуд. Чӯпонписар хост, ки рамаро ба хона ронад, вале гӯсфандон дар як ҷо ҷамъ шуда, аз тарс меларзиданду аз ҷой ҷунбидан намехостанд.

Дар ин асно раъд ғуррид ва барқ дурахшиду ғарами алафи хушкро оташ зад. Забонаҳои оташ ба осмон бархостанд. Аз даруни оташ садои фашшос задани чизе ба гӯши чӯпонбача расид.

«Аҷабо! Ин чӣ бошад?» – фикр кард ҷавон.

Дурусттар нигоҳ карду дид, ки дар байни оташ море печутоб мехӯраду худро ба ҳар сӯ мезанад.

– Чӣ кор кунам? – гуфт чӯпонписар. – Морро халос накунам гуноҳ мешавад, халос кунам, метарсам – мумкин аст, ки неш занад.

Каме фикр карду ҳарчӣ бодобод, гуфта, нӯги асояшро ба сӯи мор дароз кард. Мор ба чӯбдаст печид ва чӯпонписар онро кашида баровард. Пӯсти мор сӯхта обила баста буд.

– Ту, бечора, чӣ хел зинда мемонӣ? – гуфт ҷавон.

Вале мор ногаҳон худро се бор ба замин зад ва пӯсти кӯҳнаашро партофт. Ба ҷои он пӯсти нав баровард, ки мисли рангинкамон ва дурру гавҳар медурахшиду барқ мезад.

Ҷавон хам шуд, ки морро дурусттар бубинад. Ногаҳон мор қоматашро баланд карду чун тири аз камон ҷаста ба боло парид ва бо забони душохааш лаби ҷавонписарро бӯсид.

Ҷавон аз тарс як қад парид. Мор гуфт:

– Натарс, ман ба ту зиён намерасонам. Ту маро наҷот додӣ, ман ба ту подош додам.

Ҷавон ҳайрон шуд, ки мор сухан мегӯяду вай сухани морро мефаҳмад. Мор фикри ҷавонро фаҳмида гуфт:

– Ҳайрон нашав! Мукофоти ман ба ту ҳамин аст. Минбаъд ту забони ҳайвоноту паррандагонро мефаҳмӣ. Шояд ин ҳадяи ман ба ту лозим шавад. Медонам, ки ту онро ба зарари ҳеҷ кас истифода намебарӣ, зеро ки дили нарму меҳрубон дорӣ. То боздид! Ташаккур ба ту! Хайр!

Мор баргашту ба буттазор хазида рафт. Ногахон дар паси буттазор садои хиширрос ва шараққос зада шикастани шохчаҳо шунида шуд.

– Мабодо, ки ягон кас мори маро ранҷонад! – гуфт ҷавон ва ба сӯи буттазор давид.

Дар он ҷо ҳеҷ кас набуд, фақат алаф зери по шуда ва як бандча шохи хушк партофта шуда буд.

Мор сар бардошту гуфт:

– Аз он касе, ки дар ин ҷо буд, битарс!

Ҷавон пурсид:

– Дар ин ҷо кӣ буд?

– Худам намедонам. Вале ту эҳтиёт бош. Касе, ки дар ин ҷо буд, вай моро дид ва гапамонро шунид.

Мор инро гуфту дар байни алафзор нопадид гашт.

Бегоҳӣ чӯпонписар рамаро ба ҳавлиаш овард. Аспи пир гӯсфандонро диду шиҳа кашид. Вале ҷавон сухани аспро фахмид.

– Оё шумо хуб чаридед? – мепурсид асп.

– Мо б-бе-е-чора, – ҷавоб доданд гӯсфандон. – Раъду барқ моро тарсонд.

– Устухонҳои фарсудаи ман ҳам аз раъду барқ ба дард даромаданд, – шиква кард асп. – Агар фардо хоҷа маро кор нафармояду дам диҳад, аҳволам беҳтар мешавад.

Ҷавон ба хона даромад ва бо падараш ба сари дастархон нишаст. Падараш гуфт.

– Фардо барои шудгор меравӣ.

Ҷавон ҷавоб дод:

– Не, фардо намеравам. Як рӯз сабр мекунам.

– Чаро баҳс мекунӣ? Гапи падаратро нагардон!

Чӣ илоҷ! Писар маҷбур шуд, ки ба падар итоат кунад.

Ҷавон ба шудгори замин сар кард, асп базӯр пояшро кашола мекард. Лекин ҷавон аспро тозиёна назад, зеро медонист, ки аспи пир танбал нест, балки дардманд аст.

Вақти бозгашт аз саҳро асп сахт мелангид. Падар норозиёна гуфт:

– Аспро эҳтиёт накардӣ! Акнун як ҳафта бефоида меистад.

Шабона хоби писарак набурд. Ба вай алам кард, ки падараш беасос ӯро сарзаниш кард. Нимашаб саг аккос зад.

– Ту шабона дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?! – мегуфт саг.

– Гум шав аз ин ҷо. Соҳиби ман шабона ба хонаи ту намеравад. Ту ҳам набиё.

Пагоҳӣ падар гуфт:

– Сагамон тамоми шаб беҳуда аккос зада хоб рафтан намонд. Бегоҳӣ онро дар оғил маҳкам карда мон.

– Маҳкам кардан чӣ лозим? – гуфт ҷавон, – охир, саг посбони хона аст.

– Боз гапи падаратро мегардонӣ! – бо қаҳр гуфт падар.

Писар баҳс накард. Бегоҳӣ сагро ба оғил даровард, вале дарро сахт напӯшид. Шабона хоби падару писар сахт бурд, бинобар ин садоеро нашуниданд. Рӯзона ҷавон ҳамсояашро вохӯрд. Вай базӯр қадам мезаду дасташ латтабанд буд. Ҷавон асли воқеаро фаҳмид. Он одам ҳамчун бахилу ҳасуд машҳур буд. Ҷавон аз ӯ пурсид:

– Чаро ту шабҳо дар атрофи хонаи мо мегардӣ?

Ҳамсоя гуфт:

– Агар ҳамин ганҷе, ки мор ба ту додаст, ман ба даст надарорам, сарамро аз танам ҷудо мекунам. Кори ту, аблаҳ, омад кардааст. Ман ҳам метавонистам морро аз оташ кашида барорам. Вале аз куҷо медонистам ки он мори оддӣ нест.

– Он ганҷе, ки гирифтам, барои ту лозим нест.

– Пас, ганҷ будааст! – фарёд зад ҳамсояи ҳасуд.

Ҷавон ҷавобе надоду ба киштзораш рафт. Дид, ки галаи гунҷишкон донаҳои коштаро чида мехӯранд. Ҷавон хост, ки гунҷишкҳоро ронад, вале худдорӣ намуд. Вай шунид, ки як гунҷишк мегӯяд:

– Шумо, бачаҳои шум, чӣ кор мекунед? Чанд бор ба шумо гӯям, ки фақат донаҳои пуҷро чида хӯред. Он вақт гандуми хуб мерӯяд, ҳам мо ва ҳам одамон сер мешавем.

«Ана гап чӣ будааст! – фикр кард ҷавон. – Пас, барои чӣ падарам маро барои рондани гунҷишкон ба киштзор фиристод?»

Вақте ки ба хона баргашт падараш ӯро сарзаниш кард:

– Чаро барвакт омадӣ? Боз худсарӣ мекунӣ? Пагоҳ саҳарӣ ба саҳро рав.

– Дигар намеравам. Гунҷишконро рондан лозим нест.

Падар ба ғазаб омаду чӯбро бардошта писарашро зад. Дар ҳамин лаҳза ҳамсояи бахил омад ва ба падар гуфт:

– Агар ман ба ҷои ту мебудам, аз ин писари саркаш ба қозӣ шикоят мекардам. Дар китобҳои қадим навиштаанд, ки писар бояд ба гапи падар дароянд.

Падар мулоҳиза накарду ба пеши қозӣ давид. Қозӣ даъвои падарро шунид ва баъд писарро даъват кард.

– Оё падарат дуруст мегӯяд?

Писарак ҷавоб дод:

– Ҳам дуруст, ҳам нодуруст.

– Ман бояд далели ҳар ду тарафро шунавам. Бигӯ, ки падарат чиро дуруст гуфт ва чиро нодуруст? – пурсид қозӣ.

– Бигузор ҳама берун бароянд. Ҳеҷ кас набояд сухани моро шунавад.

Қозӣ фармуд, ки ҳама берун раванд. Ҷавон асли воқеаро нақл кард. Он вақт қозӣ боз падарро даъват кард ва гуфт:

– Писарат дар назди ту гунаҳкор нест. Ба гапам бовар кун. Ба ӯ ҷабр накун. Писарат медонад, ки чӣ кор кунад.

Падар ин суханро шуниду оҳи сабуке кашид ва нобоварию бадбиниро аз дилаш дур кард.

Қозӣ танҳо менишасту фикр мекард: «Ин ҷавон сирраширо ба ман гуфт. Ин сирро ман махфӣ нигоҳ медорам, ё не? Аз одамон нигоҳ доштан мумкин, вале аз шоҳ не».

Вай ба назди шоҳ рафту воқеаро гуфт. Шоҳ қиссаро шуниду қозиро ҷавоб дод. Баъд ҷавонро ба наздаш даъват кард.

– Ту забони ҳайвоноту паррандагонро мефаҳмӣ. Аз ин сабаб, ту аз дигарон, ҳатто аз ман ҳам зиёдтар медонӣ. Вале ман ҳар касеро, ки хоҳам қатл мекунам. Агар фармоям, туро ҳам қатл мекунанд ва ягон сирру асрор туро наҷот дода наметавонад. Барои ҳамин, ганҷи Константиншоҳро ба ман ёфта деҳ.

– Ман намедонам, ки ганҷи Константиншоҳ дар куҷост.

– Агар надонӣ, раву ҷустуҷӯ карда ёб! – фармон дод шоҳ.

– Фурсат деҳ, то пагоҳ фикр кунам.

Ҷавон тамоми шаб нахобида фикр кард ва субҳ ба назди шоҳ омаду гуфт:

– Кори мушкилеро ба ман фармудӣ, шоҳ. Вале ман фармонатро иҷро мекунам. Амр деҳ, ки ба қуллаи кӯҳи назди деҳаи мо гӯшти даҳ

гов, даҳ халта намак ва даҳ халта гандуми сара бароранд. Ту се шабу се рӯз маро дар он ҷо танҳо гузор.

Ҳамин тавр ҳам карданд. Вақте ки хизматгорони шоҳ рафтанд, ҷавон гӯштро ба як тарафи соҳил ва намакро ба соҳили дигари наҳр, гандумро дар болои харсанг пошид. Баъд чайлае сохту дар он пинҳон шуд. Даррандагону паррандагон омада гӯшту гандумро мехӯрданд, намакро мелесиданд.

Ҷавон дар чайла пинҳон буду гапи паррандагону даррандагонро гӯш мекард. Бисёр чиз шуниду донист. Вале дар бораи ганҷи Константиншоҳ ягон паррандаю ягон даррандае даҳан накушод.

Рӯзи севвум гӯшту гандуму намак тамом шуд. «Сарамро шоҳ аз танам ҷудо мекунад» – фикр кард ҷавон.

Дар ин асно, ногаҳон се уқоб омада нишастанд ва бо ҳамдигар ба суҳбат даромаданд.

– Мо ҳар се кайҳост, ки дар дунё зиндагӣ мекунем, вале ман аз шумо калонтарам, – гуфт яке. – Ёд дорам, ки уқобчӯча будам. Ҳамон сол зимистони сахт омад, тарма фаромада хонаи мардумро зер кард.

– Не, ман аз ту калонтар будаам, – гуфт уқоби дуввум. – Ҳамон зимистони қаҳратун ман аллакай хуб парвоз мекардам. Вақти нав пару бол баровarданам тобистони чунон гарм омаду чунон хушксолӣ шуд, ки одамону ҳайвонот ба вабо гирифтор шуданд.

– Ман ҳамаи инро дидаам, – гуфт сар такон дода уқоби сеюм. – Ҳам зимистони сардро ва ҳам тобистони гармро. Ман он қадар зиёд зиндагӣ мекунам, ки замони ҷӯҷа будани худамро ҳатто дар ёд надорам. Вақте ки ман ҷавону пурзӯр будам, ҳодисаи аҷоибе рӯй дода буд. Дар зери харсанги назди сарҳад Константиншоҳ ганҷашро пинҳон кард. Он ганҷро, ки аз шашсад халта иборат аст, ба сесад хачир бор карда овард.

– Оре, ту аз мо калонтар будаӣ, – гуфтанд ду уқоби аввала. – Мо ин воқеаро надидаем ва нашунидаем.

Ҷавон ин гапҳоро шунид. Чун уқобҳо парида рафтанд, ҷавон ба хоб рафт ва субҳи барвақт ба дарбор омад. Шоҳ аз ӯ пурсид:

– Хайр, ту чӣ овардӣ? Ҳаётатро ё мамотатро?

– Бо худам чӣ овардам, баъдтар мебинем. Вале ба ту сирри ганҷинаи Константиншоҳро овардам. Фармон деҳ, ки сесад хачир ва шашсад халта тайёр кунанд.

Корвон ба роҳ баромад, пешопеши ҳама савори аспи шоҳ ҷавон мерафт. Вай фикр мекард: «Мабодо уқоби пир ҷои ганҷро фаромӯш карда бошад?».

Вале уқоби пир дуруст гуфта будаст. Дар зери харсанг ғоре буд. Дар ғор устухони дувоздаҳ одам афтода мехобид. Аз афташ, инҳо устухони одамоне буданд, ки ганҷро ба ин ҷо пинҳон карда буданд. Мурдаҳо сирро фош намекунанд!

«Ана, сипоҳи шоҳ чи гуна будааст!» – фикр кард ҷавон.

Вакте ки навкарон тиллоҳоро ба халтаҳо ҷой мекарданд, ҷавон барои ҳавои тоза хӯрдан аз ғор берун баромад. Ба назараш чунин намуд, ки касе давида гузашта, дар паси харсангҳо пинҳон шуд.

Шабона тиллоро оварданду ба хазинаи шоҳ рехтанд.

Ҷавон ба деҳааш баргашту гӯё ҳеҷ коре нашуда бошад, ба чӯпонии худ машғул шуд. Баъд аз се рӯз ҳамон ҳамсояи ҳасудаш омаду пурсид:

– Шоҳ ба ту барои ганҷинаро нишон доданат чанд танга дод?

– Ман напурсидам ва ӯ ҳам надод, – ҷавоб дод ҷавон. – Сабр кун, ту ганҷро аз куҷо медонӣ?

– Ман ҳама чизро медонам.

– Пас, ман хато накардаам. Дар назди ғор сояи туро дида будаам.

– Ту аблаҳ будай! – гуфт ҳамсоя. – Аз мор ҳеҷ чиз рӯёнда натавонистӣ, аз шоҳ низ ҳеҷ чиз нагирифтӣ. Агар ман мебудам...

Аз ҳамон рӯз ҳамсояи бахил гум шуд. Рӯи ҳавлиаш холӣ ва хонааш торик буд. Факат гурба ба ҳар сӯ медавиду омада дари хонаашро мехарошид.

«Ин ҷо ягон гап ҳаст, – фикр кард ҷавон, —ҳамсоя шояд ба назди шоҳ рафта бошад, то ба ҷои ман мукофот гирад. Ва мукофоти шоҳ чи гуна аст, ман дар гор дидам. Бояд раваму ҳамсояамро халос кунам!».

Ба назди шоҳ омаду гуфт:

– Шоҳо! Он мардеро, ки ба ҷои ман мукофот гирифтан мехост, озод бикун.

– Он одам ба ту кӣ мешавад? – пурсид шоҳ.

– Худаш ба ту чӣ гуфт, медонӣ.

Шоҳ ба заҳрханда гуфт:

– Ту фикр намекунӣ, ки сари туро буридан барои ман осонтар аст?

– Не, фикр намекунам, – ҷавоб дод ҷавон. – Он кабӯтароне, ки дар болои боғи қаср парвоз мекунанд, мебинӣ? Дар зери боли яке аз онҳо мактубе ҳаст, ки ман ба шоҳи пурқудрату тавонои кишвари ҳамсоя навиштаам. Агар ту сари маро бибурӣ, кабӯтарон парида меравӣанду мактубро ба он шоҳ медиҳанд. Акнун ба ту мефаҳмонам, ки дар он мактуб чӣ навишта шудааст: «Санге, ки зераш ганҷина аст, дар мобайни қаламрави ту ва шоҳи кишвари ҳамсоя вокеъ гаштааст,

ғор дар қаламрави он шоҳ аст. Акнун ту, шоҳ, фикр кун, ки агар дар ҷои он шоҳ мешудӣ, чӣ кор мекардӣ.»

Шоҳ абрӯ чин карда, ба фикр фурӯ рафт. Баъд қарсаке заду амр кард:

– Қозиро чеғ занед!

Ҷавон козиро шинохт: ин ҳамон қозие буд, ки вайро бо падараш оштӣ дода буд.

– Ту ҳамаи қонунҳоро медонӣ, – гуфт шоҳ ба қозӣ. – Ба ман маслиҳат деҳ. Ба наздам одаме омад ва гуфт, ки ӯ падари ҳамин ҷавон аст. Ба ивази хизмати ночизи писараш аз ман як халта тилло хост. Ман қаҳр кардаму сари он беадабро буридам. Акнун он ҷавон мехоҳад, ки ман ба ӯ падарашро зиндаву саломат баргардонам. Ман писаракро дӯст медорам, хоҳишашро рад кардан намехоҳам.

Қозӣ китобҳои ғафсро варақ зад, дурудароз фикр кард ва баъд гуфт:

– Агар як кас каси дигарро бикушад ва ба писари кушташуда баробари вазни сари буридашуда тилло бидиҳад, аз рӯи адолату инсоф хоҳад буд ва набояд боиси ранҷиши норозигии касе бошад.

– Пас, мо ҳам чунин мекунем, – гуфт шоҳ оҳи сабуке кашида. – Тарозу ва сарро биёред.

«Ҳамсояи бадбахтам, – фикр кард ҷавон, – бахилию ҳасуд туро ба кучо овард».

Сарро ба як паллаи тарозу гузоштанд ва ба паллаи дигар тилло рехтанд. Вале паллаҳои тарозу баробар намешуданд. Нисбат ба вазни сар даҳ, сад баробар зиёдтар тилло рехтанд, аммо боз сар вазнинтар буд.

Шоҳ ба хашму ғазаб омад. Қозӣ тарсону ларзон китоби қадимаро варақ зад. Ниҳоят, китобро пӯшиду гуфт:

– Дар бораи ин мӯъҷиза дар китоб чизе навишта нашудааст. Ман чизе намефаҳмам.

– Ман ҳам намефаҳмам, – гуфт шоҳ ва ба ҷавон муроҷиат кард. – Шояд ягон парранда ё даррандае ба ту ҷавоби ин муамморо гуфта бошад.

– Ҳеҷ кас ба ман ҳеҷ чизе нагуфтааст. Ҷавоби ин муамморо ман худам ёфтам. Бигӯ, то чашми сарро бибанданд.

Чашми сарро бастанд ва дубора баркашиданд. Як каф тилло ба паллаи тарозу андохтанд, ки паллаи тарозу ҷунбид. Бо ду каф тилло боло рафт. Бо чор каф ва се дона тилло паллаҳои тарозу баробар шуданд.

– Ин муамморо ба ман фаҳмон, – хоҳиш кард шоҳ аз ҷавон.

– Шоҳо, худат ҳам метавонистӣ ин муамморо ҳал кунӣ.

– Ман ба ту ганҷ додам, вале ту ба ман як пули сиёҳ надодӣ. Чашми ҳарис ҳаргиз сер намешавад. То вақте ки чашмаш кушода аст, ибрате, ки гирифтам, бароям басанда аст. Ту, шоҳ бо ганҷу сарватат бимон. Ман ба саёҳат меравам, дунёро мебинаму сухани нек мешунавам. Касе муҳтоҷ бошад, кӯмак мекунам.

Ҷавон инро гуфта, аз қасри шоҳ баромаду рафт.



Китобхонаи давлатии бачагонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи М... 2238

## МУНДАРИЧА

Рубоҳ ва хурӯс (Эрон)……………………………………3

Ҳафт нон (Афғонистон)…………………………………6

Ҳаёти одам (Бразилия)…………………………………..6

Одамоне, ки рӯзи фардоро меҷустанд (Бразилия)……7

Ганҷи шоҳ (Булғория)……………………………………8




Муҳаррири техникӣ Гадойбоев Абдуаҳад
Ороиши компютерӣ Диловар Ҷабборов
Ҳуруфчин Дилором Ниёзова

Ба чопаш 14.02.2013 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/32.
Коғази бурандуд. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопӣ 0,25. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши №18/2013. АБ

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел: 98-103-16-75. E-mail: najmiddin64@mail.ru
Сайти муассиса: http://www.adabiet.tj

9 789994 796670